| 46 | Иҷроиши талаботҳо оид ба реҷаи бакороии обанбор пеш аз мавсими серобӣ ва пуршавии минбаъдаи он бояд чунин таъминотҳоро ба ҷо орад:<br>• Пуршавии обанбор дар мавсими серобӣ то сатҳи мӯътадили дамандозӣ (НПУ);<br>• Шароитҳои муносиб барои партофти оби зиёдатӣ ба воситаи иншоот, гузаронидани обовардҳо, инҷунин ях, агар ин дар лоиҳа пешбинӣ шуда бошад;<br>• Танзимкунии сарфҳои партофт бо баҳисобгирии талаботҳои бехатарӣ ва кори боэътимоди иншоотҳои гидротехникӣ , мубориза бо обхезиҳо; |
| **III. Таъминоти об барои эҳтиёҷоти техникӣ.** | |
| 47 | На камтар аз як маротиба дар 5 сол гузаронидани тадқиқотҳо ва таҷрибаҳои |

| | |
|---|---|
| | маҷмӯи обтаъминкунии техникӣ.Таҷрибаҳоро дар ҳамаи ҳолатҳои тағийркунонии иҷроиши маҷмӯи таҷҳизотҳо мегузаронанд. |
| **IV. Сарбандҳо, Каналҳо, Саддҳо.** | |
| 48 | Мавҷудияти нақшаи тасдиқшуда бо чорабиниҳои иҷрошуда оиди муҳофизати сарбандҳои хокӣ ва саддҳо аз шусташавӣ ва резиш аз теға. |
| 49 | Дар дастурамалҳои маҳаллӣ барои ҳаркадом иншооти гидротехникӣ зери тазъиқ (фишор) қарордошта, бояд меъёрҳои бехатарӣ нишон дода шуда, бо натиҷаҳои мушоҳидаҳои АНЧ дар қиёс мондан зарурият дорад. |
| 50 | Гузаронидани чорабиниҳо барои таъмир ва омодакунии хасрубаҷаъмкунҳо ва хасрубапартовҳо, тозакунӣ аз хасу хошок ва ғарқчубҳо даҳанаҳои каналҳои обрасон, панҷараҳо ва тарқишҳои дарвозаоббандҳо, инчунин тайёр намудани дигар маводу таҷҳизотҳо то фарорасии ҳароратҳои манфии обу ҳаво. |
| 51 | Бақайдгирӣ дар дастурамали маҳаллӣ тартиби бакордарории системаи гармидиҳӣ ва таҷҳизотҳо барои тозакунии панҷараҳо аз ях пеш аз яхбандиҳо ва дар марҳилаи яхбандиҳо. |
| 52 | Таъмини ҳолати коршоямии шабакаҳои заҳкаш ва боришоти сахт, мустаҳкамкунии бораҳои иншооти обгузарон. |
| 53 | Мавҷудияти аломатҳо, ки дарозии иншоотро бо пикетҳо муайян месозад, аввал, охир ва қутри ҳалқа ё қаъри обии асбобҳо дар сарбандҳои тахти фишори об қарордошта ва саддҳо, каналҳо, нақбҳо, саддҳои дашғолпарто. |
| **V. Истифодабарии дастгоҳҳои гидротурбинаҳо.** | |
| 54 | Қабулкунии таҷҳизотҳои сохтумони анҷомёфта ба истифодабарӣ, инчунин баъди таъмири асосӣ, таҷлилшавӣ, замонависозӣ. |
| 55 | Ҳуҷҷатҳои техникӣ.<br>Мавҷудияти ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, санадҳо:<br>• Қабули комиссия, корҳои ниҳонӣ, хобондани таҳкурсӣ, нахустозмоишҳои таҷҳизот ва ҳамаи асбобҳо;<br>• Шиносномаҳои биноҳо, таҷҳизотҳо, иншоотҳо;<br>• Нақшаи иҷроиш; |
| 56 | Гидроагрегатҳои дар истифодабарӣ қарордошта (минбаъд- ГА) ва таҷҳизотҳои ёрирасон бояд пурра автоматикӣ бошанд. Бакордарории агрегат дар ҳолати генераторӣва ҳолати компенсатори синхронӣ, аз кор бозмонии ҳолати генератор ва ҳолати компенсатори синхронӣ, гузаштан аз ҳолати генераторӣ ба ҳолати компенсатории синхронӣ ва баракс бояд аз як тугмача идора шаванд. |
| 57 | Гидроагрегатҳои дар захира буда, бояд дар ҳолати таёрӣ бакорандозии фаврии автоматикӣ бошанд. |
| 58 | Неругоҳҳои обию барқии тавоноияшон зиёда аз 30 МВт бо шумораи агрегатҳояшон аз 3-то зиёд, бояд ба маҷмуъҳои танзимкунии гурӯҳи тавоноии фаъол муҷаҳаз гардонида шуда, имконияти истифодабарии онҳо барои реҷаи танзимкунии автоматикӣ дуюмбора аз лапишҳо ва бозҷараёнҳои тавоноӣ имконият дошта бошанд. Аз кор боздоштани ин маҷмуи тавонои фаъол бо иҷозати хадамоти навбатдорӣ ба амал бароварда мешавад |
| 59 | Барои ҳар кадом гидроагрегат дар дастурамалҳои маҳаллӣ бахри муайянкунии мӯҳлатҳои минималии вақти санҷиш бояд амалҳои зерин ба инобат гирифта шавад:<br>• Махкамшавии дастгоҳи обарандаи гидротурбина то минтақаи асбоби рафъи ларзишӣ (демпфир) ҳангоми партофтани бор;<br>• Кушодашавии дастгоҳи обарандаи гидротурбина ҳангоми гирифтани бор бо суръати максималӣ;<br>• Тобхурӣ ва рустшавии пораҳои чархи кории парачархҳои гардишӣ ва |

| | |
|---|---|
| | гидротурбинаҳои диогоналӣ;<br>• Махкамшавӣ ва кушодашавии сӯзани танзимкунанда ва баргардонандаи фавраи гидротурбинаҳои белӣ;<br>• Махкамшавии дастгоҳои оббаранда ҳангоми бакордароии пистонаки (залотник) махкамкунандаи садамавӣ;<br>• Махкамшавӣ ва кушодашавии дарвозаҳои пеш аз турбина, инчунин дарвозаҳои таъмирию садамавӣ дар обқабулкунак;<br>• Махкамшавии сардиҳии ғайрикории гидротурбина; |
| 60 | Ба кори мӯҳлаташ дарози гидроагрегат ҳангоми баланд будани сатҳи ларзиш роҳ дода намешавад:<br>• Паҳнои ларзиши ӯфуқӣ (горизонталӣ)-и болопӯши чархи турбина, инчунин паҳноии ларзиши ӯфуқии чорчилики (крестовина) болоиву поении генератор, вобаста аз суръати гардиши ротори гидроагрегат нишондиҳандаи ҷоизи ларзиш 180 мкм;<br>• Паҳнои ларзиши амӯдии (вертикалии) болопӯши турбина, конуси такянок ё чорчилики (крестовина) борбардори генератор вобаста аз суръати ларзиш набояд аз 180 мкм зиёд бошад;<br>• Тапиши ғалтаки (вал) гидроагрегат набояд аз нишондиҳандаҳои дар дастурамали маҳаллӣ ва дар корхонаи истеҳсолкунандаи ГА гидротурбина дарҷгашта зиёд бошад; |
| 61 | Таъмири асосии (капиталӣ) гидротурбина бояд 1 маротиба дар 5-7 сол гузаронида шавад. Дар ҳолатҳои алоҳида аз мӯҳлатҳои гузошташуда берун баромадан мумкин аст. |
| 62 | Ҳамаи маҷмуҳои технологӣ, таҷҳизотҳо, бино ва иншоотҳо, аз он ҷумла иншоотҳои обӣ, ки ба ҳайати иншооти барқӣ дохиланд, бояд давра ба давра аз муоинаи техникӣ бархурдор гарданд.<br>• Муоинаи техникии маҷмуҳои технологӣ ва таҷҳизоти электрикӣ бо гузоштани мӯҳлати ҳуҷҷатҳои техникию – меъёрии тасдиқгашта гузаронида мешавад. Таҷҳизотҳои ҳароратӣ – техникӣ мувофиқи ҳуҷатҳои меъёрию – техникии амалкунанда муоина мегарданд. Биноҳо ва иншоотҳо - дар мӯҳлатҳои бо ҳуҷҷатҳои меъёрию техникии амалкунанда, вале на камтар аз 1 маротиба дар 5 сол. |
| **VI. Техникаи Бехатарӣ.** | |
| 63 | Омӯзиши ҳарсолаи ҳайат бо тарзҳои эҳёкунӣ ба воситаи дастгоҳҳои машққунии ҳозиразамон. Мавҷудияти санҷиши донишҳои Дастурамалӣ оиди расонидани кӯмаки аввалия ҳангоми рух додани ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот. |
| 64 | Дар ҷойҳои намоёни ҳудуди иншоот бояд нақшаҳои ҳаракати воситаҳои нақлиёт гузошта шуда бошад. |
| 65 | Дар ташкилот (иншоот) бояд мӯҳлатҳо ва тартиби санҷиши ҳолати роҳҳои нақлиётӣ муайян гардида бошанд. |
| 66 | Кӯпрукчаҳои гузаргоҳии ҷӯйҳо бояд паҳмии на камтар аз 0,60 метр бо панҷараҳоро дошта бошанд. Гузаргоҳҳои барои ҳайат, дар ҷойҳои хамиаш аз 20 градус зиёд, бояд бо зинаҳои панҷарадор муҷоҳозонида шаванд. |
| 67 | Зинаҳои амудии доимии баландияшон аз 5 м боло бояд дар панҷараҳои металлӣ камоншакл гирифта шуда, дар тул бо на камтар аз 3 тасмаи металлӣ пайванд шаванд. |
| 68 | Дар даҳанпушҳои танзимкунанда (вентиль), ғалақаҳо (задвижки) ва ҳаракатовардҳои онҳо бояд чунин навиштаҷот ва аломатҳо гузошта шаванд:<br>• Рақам ва аломати шартии асбобҳои махкамкунанда ва танзимкунанда дар мувофиқаҳо бо тарҳҳои технологӣ ва дастурамалҳо оиди истифодабарии таҷҳизот; |

| | |
|---|---|
| | • Ишоракунандаи самти тобхурӣ ба тарафи маҳкамшавӣ (3) ва ба тарафи кушодашавӣ (0). Агар навиштаҷотҳои аниқ вуҷуд надошта бошад, ба иҷроиши идоракунӣ, таъмири таҷҳизот ва тағийрдиҳии дастгоҳҳои идоракунӣ роҳ дода намешавад. |
| 69 | Панҷараҳои муҳофизатӣ давра ба давра дасти рангубор карда мешаванд. Болопӯш ва тоқҳои қутти (кожух) аз тарафи дарунаш ранг карда мешаванд, унсурҳои ҳаракаткунандаи муҳофизатии дастгоҳҳо ва мошинаҳо бо ранги зарди огоҳикунанда рангубор мегарданд. |
| 70 | Номгӯи корҳо бо супоришнома ва иҷозат ҳангоми таъмири ИГТ, аз тарафи сардори сех муайян карда шуда, аз роҳбари корхона (ташкилот) тасдиқи худро меёбад. |
| 71 | Рӯйхати кормандони ташкилот, ки ҳуқуқи додани супоришномаро (наряд) доранд, ваколат доранд истеҳсолкунанда ва роҳбари корҳо бошанд, ҳангоми роҳ додани корҳо ба минтақаи берун аз ҳудуди хизматрасонӣ ба ИГТ ва таҷҳизот, ҳайати навбатдорӣ, аз тарафи роҳбари худи ҳамин ташкилот тасдиқ мегардад. Рӯйхат бояд дар назди тартибдиҳандаи супориш ва дар ҷои кори сардори басти сех (навбатдори калон) ки мутасаддии таҷҳизотҳо мебошад нигоҳ дошта шавад. |
| 72 | Ҳангоми таъмири таҷҳизотҳои ёрирасон, инчунин дар вақти иҷроиши корҳо оиди фармоиши истеҳсолӣ, кормандоне таъин мегрданд, ки дараҷаи ихтисосияшон аз III - юм поён набошад. Номгӯи таҷҳизотҳои ёрирасон вобаста бо шароитҳои маҳалӣ аз тарафи роҳбари ташкилот муайян карда мешавад. |
| 73 | Корҳое, ки ташкилотҳои сохтумонӣ-васлкунӣ дар ташкилотҳои барқтаъминкунӣ ба субот мерасонанд, танҳо баъди тартиб додани санад - иҷозат (акт-допуск) гузаронида мешавад.<br>Масъулияти риояи чорабиниҳои дар санад – иҷозат пешбинишударо роҳбарони тарафҳо – ташкилотҳо ва ташкилот – фармоишгар ба зима доранд.<br>Иҷроиши корҳои таъмири – сотумонӣ ё сохтумонӣ – васлкунӣ, ки аз тарафи ҷузъҳои ташкилоти барқтаъминкун дар наздикиҳои таҷҳизотҳои гидромеханикӣ ё ИГТ ба амал меоянд бо супоришнома – иҷозат (наряд - допуск) гузаронида мешаванд. |
| 74 | Роҳ надодан ба боркунии вазни аз меъёр зиёд дар болопӯши биноҳо ва майдонҳо, инчунин овезон намудани борҳо ба қисмҳои бино, иншоот ва нақли лӯлаҳо (турбопровод), ки барои чунин мақсадҳо пешбини нагаштаанд |
| 75 | Ҳангоми анҷомёбии корҳои бо оташ алоқаманд бояд назорати ҷои гузарондани онҳо дар давоми 5 соат ташкил карда шавад. |
| 76 | Ҳамаи иншоотҳои зеризаминии аз газ хатарнок дар нақшаи технологӣ ишора шуда, ба ҳайат (хизматрасони таҷҳизоти газӣ) бо гирифтани имзоҳояшон шиносонида мешавад. |
| 77 | Ҳамаи киштиҳо, завракҳо, амадҳо, киштии гузора (паром) ва дигар маводи шиноварӣ, ки дар тобеияти ташкилотанд бо маводҳои зидисӯхтор, ноҷотдиҳӣ, огоҳкунанда, обпартоӣ, танобҳо ва лавозимоти киштӣ, бояд таъмин бошанд.<br>Лавозимотҳои наҷотдиҳӣ бояд аз озмоишҳои (тафтиши) ҳарсолаи мустаҳкамӣ ва шинокунӣ гузашта, бо шаҳодатномаи озмоиши таъмин гардад. |
| 78 | Баистифодадиҳии бандҳои аз ғулачубҳо сохташуда, ғавҳои обӣ ва мадҳои нав ё таҷлилшуда баъди қабули онҳо аз тарафи комиссияи махсус, ки роҳбари ташкилот таъин намудааст, иҷозат дода мешавад. |
| 79 | Мавҷудияти дидбонгоҳҳо бо васоитҳои алоқа барои назорат аз сатҳ ва гузариши серобӣ дар ҳудуди иншооти обӣ. (ҳангоми зарурият). |

| | |
|---|---|
| 80 | Роҳи таъиноти умумӣ, ки аз барии хамии канал мегузарад бояд бо таворaҳо (ограда, забор), сутунчаҳои сари роҳ ё дарахтзорҳо иҳотагирӣ карда шавад. |
| 81 | Масъулияти таъмини шароитҳои лозимаи бехатарии меҳнат ҳангоми фаровардани ғаввосҳо (водолазов) аз канори киштиҳо ё киштиҳои махсуси ғаввосӣ, ба роҳбарони ин киштиҳо вогузор аст.<br>Барои иҷрои корҳои ғаввосӣ роҳбар таъин мегардад, ки роҳбарӣ ва назорати умумии корҳои ғаввосиро амалӣ мегардонад. Инчунин роҳбари бевоситаи фаровардани ғаввос, ки ҳаракати ғаввосону ҳайати ёрирасонро роҳбари менамояд таъин мегардад. |
| 82 | Механизмҳои дарвозаоббанд бояд воситаҳои пешгирикунанда ва махкамкунанда, ки бо тариқи автоматикӣ амал менамоянд дошта бошанд, то ин ки имконияти бакороии хати барқ ҳангоми истифодабарии дастӣ аз байн бурда шавад. |

## Рӯйхати ҳуҷҷатҳо ва саволҳо барои санҷиши ИГТ таъиноти хоҷагии об.

| № | Саволҳои санҷишӣ: |
|---|---|
| | **I. Хуҷҷатҳои фармоишӣ:** |
| 1 | Фармони роҳбари корхона оиди вобастакунонии иншооти гидротехникӣ ба шахсони мутасаддӣ аз ҳисоби ҳайати истифодабар, барои гузаронидани назорати доимӣ бахри нигоҳдорӣ ва коршоямӣ, назорати мунтазам аз риояи реҷаи қабулгардидаи истифодабарӣ, бартарафсозии нуқсону камбудиҳои хурд, нигоҳдории иншоотҳои вобастагашта дар ҳолати лозимаи эстетикӣ |
| 2 | Фармон дар бораи ташкил додани комиссияи санҷишӣ (аттестатсионӣ) дар ташкилот |
| 3 | Фармон (фармоиш) дар бораи таъиноти комиссияи корфармо барои санҷиши дониши талаботҳои ҳифзи меҳнат |
| 4 | Фармон оиди ташкили комиссияи махсуси мутахассисон барои ташхиси техникии системаҳои беҳдошти замин (мелиоративӣ) ва иншоотҳо |
| | **II. Ҳуҷҷатҳои техникӣ.** |
| 5 | Мавҷудияти ҳуҷҷатҳои техникӣ:<br>• маҷмӯи лоиҳаи техникӣ, нақшаҳои корӣ ва иҷроишӣ;<br>• санадҳои озмоишҳои бакорандозиии иншоотҳо ва таҷҳизотҳо; санадҳои корҳои ниҳонӣ ; дастурамал барои истифодабарии техникии бусти обӣ (гидроузел), ки аз тарафи ташкилоти лоиҳакаш тартиб дода шудааст;<br>• дастурамалҳои вазифавии ҳайати истифодабарӣ, ки аз тарафи роҳбарияти Хадамот тасдиқ гаштаанд;<br>• нақшаи замин бо дарҷи ҳамаи иншоотҳо, маҷроҳои назоратӣ, иншоотҳои геодезӣ, асбобҳои ченкунанда ва ғайраҳо;<br>• ҷадвалҳои имконияти гузарониши об аз ҷойҳои обгузари бусти обӣ (гидроузел),, ҷадвалҳои алоқаи сарфҳои иншооти обӣ бо барғоби (бьеф) поёнии иншоот;<br>• ҷадвали идоракунии сарф дар дарвозаоббандҳо аз бусти обӣ (гидроузел), бо дарназардошти нишондодҳои сарфи об дар сарчашма ва додани он ба канал;<br>• шиносномаҳои техникии иншоотҳо, ки ба ҳайати бусти обӣ (гидроузел) дохил мешаванд;<br>• ҷадвали обдиҳӣ ба маҷмӯи иншоотҳо; |

| | |
|---|---|
| | • дафтарҳои фаврии қабулу супоридани навбатдориҳо, бақайдгирии назоратҳо аз сатҳ ва сарфи об, азкормонӣ ва нуқсонҳо дар кори бусти обӣ (гидроузел), натиҷаҳои мушоҳидаҳо, назоратҳо, санҷишҳо; |
| 6 | Мавҷудияти санадҳои ҳолати техникии системаҳои беҳдошти замин (мелиоративӣ), нишондиҳии нуқсону зарарҳои ошкоргашта, бо баҳогузории шуморавӣ ва чораҳои амалӣ, тартибнокӣ ва мӯҳлати гузаронидани ин ё он намуди таъмир. |
| 7 | Мавҷудияти нақшаи ташкилию – техникии чорабиниҳо оиди таъмини бесадамаи истифодабарии каналу иншоотҳо дар шароити ҳароратҳои паст. |
| 8 | Мавҷудияти маҷмӯи таъмирҳои нақшавӣ-огоҳикунанда, ки тартиби банақшагирӣ ва гузаронидани назоратҳои доимиро муайян месозад, санадҳои техникӣ ва мушоҳидаҳо, ҳамаи намудҳои таъмири системаҳои беҳдошти замин (мелиоративӣ) ва иншоотҳо. |
| **III. Ташкили кор бо ҳайат.** | |
| 9 | Таъмини тахасуснокии лозимаи коргароне, ки дар иншооти гидротехникӣ хизматрасонӣ менамоянд. |
| 10 | Ташкили мунтазам гузаронидани (на камтар аз 1-маротиба дар 1-сол) омӯзиши кормандони вазифаҳои коргар ба расонидани кӯмаки аввалия ба зарардидагон. Ашхоси нав ба кор қабулгардида омӯзиши кӯмаки аввалияро дар мӯҳлате, ки корфармо муайян намудааст (ё шахси мутасаддӣ), вале на дертар аз як моҳи баъди ба кор қабул шудан мегузаранд. |
| 11 | Ташкили гузаронидани дастурҳои дохилшавӣ, якумбора дар ҷои корӣ, такрорӣ, ғайринақшавӣ ва мақсаднок. |
| 12 | Гузаронидани тафтиши саводнокии фарзиявии ҳифзи меҳнат ва қобилятҳои амалии кори бехатари кормандони соҳибвазифаро роҳбарони бевоситашон , дар ҳаҷми саводнокии талаботу қоидаҳо ва дастурамал оиди ҳифзи меҳнат ба роҳ монда, агар лозим бошад-дар ҳаҷми саводнокии иловагии талаботҳои махсуси бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат истифода бурда мешаванд. |
| 13 | Гузаштани роҳбарият ва мутахассисони ташкилот аз санҷишҳои навбатии саводнокии талабатҳои ҳифзи меҳнат (на камтар аз як маротиба дар се сол). |
| 14 | Мавҷудияти барномаҳои тасдиқшудаи омӯзишӣ оиди ҳифзи меҳнат. |
| 15 | Аз санҷиш (аттестация) гузаронидани мутахассисон дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ. |
| **IV. Ташкили истифодабарӣ ва назорат аз иншоотҳои гидротехникӣ ва таҷҳизотҳои гидромеханикӣ.** | |
| 16 | Мавҷудияти эъломияи бехатарии бо тартиби муқаррааргардида тасдиқшудаи иншоотҳои гидротехникӣ, аз он ҷумла:<br>• ташхиси бехатарии ИГТ;<br>• меёрҳои тасдиқшудаи бехатарии ИГТ;<br>• баҳисобгирии андозаи зарар, ки метавонад бо ҳаёт, саломатии шахсони воқеӣ, моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар натиҷаи садамаи ИГТ расонида шавад, ки бо ҳокимиятҳои дар маҳал буда мувофиқа карда шудааст. |
| 17 | Гузаронидани тадқиқотҳои пеш аз эъломияшавии ИГТ, иҷроиши чорабиниҳо бо санад ҳангоми амали эъломия. |
| 18 | Гузаронидани иншоотҳои гидротехникӣ ба Феҳристи давлатии ИГТ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| 19 | Мавҷудияти иҷозатнома барои истифодабарии иншооти гидротехникӣ. |
| 20 | Мавҷудияти қоидаҳои истифодабарии тартибдодашудаи ИГТ аз тарафи Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ. |

| | |
|---|---|
| 21 | Таъминоти молиявии масъулияти шаҳрвандӣ барои зараре, ки дар натиҷаи садамаи иншооти гидротехникӣ расонида шудааст. (Аз ҳисоби кадом сарчашмаҳо таъминоти молиявӣ ба амал бароварда мешавад). |
| 22 | Дар ҳолати омодабоши доимӣ будани маҷмӯҳои таҷҳизотҳои маҳаллии огоҳкунандаи ҳолатҳои фавкулодда дар иншоотҳои гидротехникӣ. Санҷиши коршоямӣ. |
| 23 | Мавҷудияти шартномаи суғуртакунонии маъсулияти шаҳрвандӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи суғуртакунонии маъсулияти шаҳрвандӣ барои зарари расонидашуда аз тарафи моликони ИГТ дар натиҷаи садамаи иншооти хатарнок. |
| 24 | Мавҷудияти нақша оиди гузаронидани мушоҳидаҳои мунтазами ҷорӣ дар системаҳои беҳдошти замин (мелиоративӣ) ва иншоотҳои гидротехникӣ. |
| 25 | Мавҷудияти номгӯи чорабиниҳо оид ба назорат, тафтиш ва мушоҳидаҳо аз иншооти гидротехникӣ. |
| **V. Истифодабарии иншотҳои гидротехникӣ.** | |
| 26 | Нишондиҳандаҳои бекамукостии (дурустии) техникӣ ва коршоямии ИГТ<br><br>• таъмини сарфгузаронии лоиҳавӣ;<br>• мавчуд набудани таҳшиншавӣ ва растаниҳои худрӯй, чапашавӣ ва шусташавии ҷузъҳои хокӣ; талафёбии минималии обҳои полоишӣ ва сарфи обҳои технологӣ;<br>• роҳ надодан ба зериобмонӣ аз обполоишҳо ва ғарқшавии минтақаҳои наздик воқеъбуда аз обҳои сатҳи болоӣ;<br>• таъмини нақли обовардҳо дар вақти сарфи минималӣ ва шуста нашудани соҳилҳо ҳангоми суръатҳои максималии ҷараёни об;<br>• мавчуд набудани шусташавӣ дар барғоби (бьефи) поёнӣ, нуқсонҳои ҷойҳои мустаҳакамкунии пасдолонҳо (рисбермаҳо) ва нишебиҳо;<br>• Имконияти тақсимбандӣ ва муайянкунии сарфи об ба воситаи ҷойҳои обгузари иншоот бо нишондиҳандаҳои гидравликӣ (сатҳи об, баландии кушодашавии дарвозаоббанд ва дигар нишондодҳо)<br>• Кори беисти таҷҳизотҳои гидромеханикӣ, асбобҳои автоматикӣ ва телемеханикӣ;<br>• Набудани ҷоришавии об дар пайвандҳои иншоот, қубурҳо ва дигар пайвандиҳо;<br>• Маданияти лозимаи гузаронидани корҳои истифодабарӣ, хубтар намудани намуди зоҳирии иншоот: |
| 27 | Дар девораи қисми обзеркунандаи иншооти танзимкунанда бояд бо хати сурхи равшан сатҳи садамавии об кашида нишон дода шавад, ки бардошти сатҳи аз он зиёд маън мебошад. |
| 28 | Гузаронидани мушоҳидаҳои мунтазам (нигоҳӣ, визуалӣ ва асбобӣ) аз реҷаи гидравликӣ, боришот ва ҷойгиршавии қисмҳои иншоот, полоиши об аз тарҳи зеризаминӣ ва гирдогирди иншоот. Натиҷаҳои мушоҳидаҳо, даврият ва дақиқиро, ки роҳбарияти қитъаи истифодабарӣ муайян месозад, дар дафтари махсус қайд мегарданд. |
| 29 | Бо нишонаҳои вазъияти муҳандисӣ таҷҳизотонидани каналҳо ва иншоотҳо: ходаҳои километрӣ, нишонапикети иншоот, репер ва маркаҳои доимӣ. |
| 30 | Таҷҳизотҳои гидромеханикӣ, барбардор, электротехникӣ, маводҳои санҷишӣ ва асбобҳои идоркуние, ки дар фасли зимистон дар ИГТ ба кор бурда намешаванд, охири мавсими обёрӣ тафтиши шуда, ба захира супурда мешаванд. Дохили лулаҳо, новаҳо, танаи насосҳо бояд аз об холи бошанд. |
| 31 | Ҳангоми тайёрӣ ба гузаронидани сарф дар мавсими серобӣ, бояд тафтиш |

| | |
|---|---|
| | шаванд:<br>• Тадқиқоти иншоотҳои бусти обӣ (гидроузел); маҷрои обовар ва барғоби (бьеф) поёнӣ<br>• Санҷиши дарвозаоббандҳо ва механизмҳои бардоранда барои танзимкунии фаврӣ;<br>• Барқарорсозии захираи садамавии маводҳо, қисмҳои эҳтиётӣ ва қисмҳои таҷҳизотҳо;<br>• Ба итмом расонидани таъмири иншоотҳо ва таҷҳизотҳо;<br>• Ташкил ва фаҳмондадиҳии гурӯҳҳои садамавӣ, тартибдиҳии нақша ва ҷои навбатдории онҳо, таъминот бо асбобҳо, воситаҳои нақлиёт ва алоқа; |
| 32 | Гузаронидани назоратҳои ҷории мунтазам дар системаҳои беҳдошти замин (мелиоративӣ) ва ИГТ бо тартиби нақшавӣ аз тарафи кормандони муҳандисию-техникии шӯъбаи истифодабарӣ бо гузаронидани натиҷаҳо дар дафтари махсус: |
| 33 | Барпосозии реҷаи махсуси назорат, тафтиш ва мушоҳидаҳо барои системаҳои беҳдошти замин (мелиоративӣ) ва иншоотҳо дар минтақаҳои яхбастаи бисёрсола, дар хокҳои ноустувор, дар ҳудуди ярҷфаро, ноҳияҳои аз ҷиҳати заминларза хатарнок, дар қитъаҳои ғайри қаноатбахши мелиоративии заминҳо, инчунин барои таҷҳизотҳои дар муҳити номусоид фаъолият мекарда; |
| 34 | Дар охири мавсими рӯиш гузаронидани тадқиқоти пурраи техникии системаҳои беҳдошти замин (мелиоративӣ) ва иншоотҳо бо мақсади муайянсозии аниқи намуду ҳаҷми корҳои таъмирӣ, ки иҷроишашон барои таъмини таёрӣ ба мавсими оянда зарур мебошанд. |
| 35 | Ҳангоми тадқиқотҳои системаҳои беҳдошти замин (мелиоративӣ) ва иншоотҳои гидротехникӣ ба воситаи мушоҳидаҳо ё асбобҳои геодезӣ муаянкуниҳои зерин гузаронида мешаванд:<br>• Ҷойгиршавӣ дар баландӣ ва андозаҳои геометрии иншоот, нақшаи буриши тул ва кундаланг барои сарбанд ва каналҳо;<br>• Дараҷаи таҳшиншавӣ ва пур шудан аз растаниҳо дар каналҳои кушод, обгирҳои маҷмӯи заҳкашҳо;<br>• Андозаҳои унсурҳои ҷудогонаи зарбхурдаи иншоотҳо, таҳшиншавии бағоби болоӣ ва шусташавии барғоби поёнии иншоотҳо;<br>• Бузургии ихроҷи оби ҷоримешуда ва полоишӣ аз каналҳо, ба воситаи сарбанд ва аз тарафи иншоот, инчунин ихроҷ дар лулаҳои фишорнок, оббарҳо, новаҳо ва дигар унсурҳои маҷмӯъ;<br>• Дараҷаи зарбхурдашавӣ ва фарсудашавии таҷҳизотҳои гидромеханикӣ ва конструксияҳои металлӣ;<br>• Ҳолати роҳҳои истифодамешуда, хатҳои алоқа ва барқ, асбобҳои автоматикӣ, телемеханикӣ ва обченкунӣ, дигар унсурҳои маҷмӯъ;<br>• Дараҷаи фарсудашавии таҷҳизотҳои обкашӣ, (насос). |
| 36 | Унсурҳои алоҳидаи системаҳои беҳдошти замин (мелиоративӣ) ва ИГТ бояд ҳамеша ва дар ҷойҳои дастрас захираи эҳтиётии садамавии барқароршаванда, маводҳои сохтмонӣ дар ҳаҷмҳои тасдиқдакардаи шӯъбаи истифодабарӣ ё соҳибмулк дар ихтиёр дошта бошанд. |
| | **VI. Истифодабарии таҷҳизоти турбинаҳои обии пойгоҳҳои обкашӣ.** |
| 37 | Ташкили ва гузаронидани назорати доимии муҳандисӣ аз кор ва ҳолати иншоот, ки дар ҳайати он медароянд:<br>• Мушоҳидаҳои мунтазами нигоҳӣ (визуалӣ) ва асбобӣ аз каҷшавии иншоот ва ҷузъҳои он, кушодашавии пайвастагиҳо ва тарқишҳо, рустшавии иҳотаҳо ва дигар ҳодисаҳо бо гузаронидани (сабти) |

| | |
|---|---|
| | натиҷаҳои мушоҳида ба дафтари махсус;<br>• Мунтазам, на камтар аз ду маротиба дар як сол, тадқиқоти ҳамаи ҷузъҳои пойгоҳ бо тартибдиҳии санади нуқсонӣ;<br>• Тадқиқотҳои ғайринавбатии баъдисадамавӣ аз офатҳои табиӣ барои муайянсозии ҳаҷми корҳои барқароркунӣ; |
| 38 | Гузаронидани хизматрасониҳои доимии иншоот барои тоза намудани қисмҳои алоҳидаи он аз ахлотҳо, растаниҳо, барфу ях, пӯшонидани холигиҳо, тармими тарқишҳои хурд ва арматураҳои луч, рангубори сатҳҳои хурд; |
| 39 | Барои ҳимоя аз зарбаи гидравликӣ лозим аст, ки доимо дар ҳолати коршоямӣ сарпуши пасгарданда (обратный клапан), сарпуши кандашавии фазои холӣ (вакуум), вантузҳо, рафъкунандаи зарби об ва дигар таҷҳизотҳоро нигоҳ дошта, бузургӣ ва муддати оқибгардии чархи кори обкашро ҳангоми партофти об аз обкаш таҳти назорат қарор диҳанд. Инчунин муддатнокии маҳкамшавии ҷурмакро (задвижка) дар лулаҳо месанҷанд. |
| **VII. Истифодабарии обанборҳои таъиноти обёрикунӣ.** | |
| 40 | Гузаронидани мушоҳидаҳои нигоҳӣ ва асбобии мунтазам бо тадқиқотҳо зарур буда, чунин омилҳо назорат мешаванд:<br>• Мустаҳкамии тана ва девораҳои сарбанд, шасти боришот ва аз ҷои худ беҷошавии иншоот;<br>• Мустаҳкамӣ ва тобоварии ҷои маҳкамшавии тазъиқии (напорное) нишебӣ (откос) ҳангоми таъсири зарбаи мавҷҳои об ва бакороии пурраи обанбор;<br>• Ҳолати нишебии (откос)-и сатҳи поёнӣ ҳангоми таъсири обҳои полоишӣ, шароитҳои пайдошавии вайроншавӣ ва суфташавии хок, ба мавҷҳо тобовар будани соҳилҳои обанбор;<br>• Ҷоришавии об ва обовардҳо дар обанбор, гирифти об ва партофт аз он;<br>• Реҷаи кори иншоотҳои обгузарон ва обпарто, имконияти гузариши об дар онҳо;<br>• Реҷаи кори таҷҳизотҳои гидромеханикӣ, борбардор ва махсус, асбобҳои назоратию ченкунӣ, маводҳои идоракунии навбатдорӣ, автоматикӣ, телемеханикӣ ва алоқа;<br>• Ҷойгиршавии хати каҷи депресиявӣ дар танаи сарбанд, ҳаҷм ва тирагии обҳои заҳкаш, суръати пуршавӣ ва лабрезшавии обанбор, муносибати бузургиҳои он бо дастурамали қабулшудаи истифодабарии обанбор;<br>• Вазъияти санитарӣ дар минтақаи обанбор, дар иншоот ва ҳудудҳои гирду атроф;<br>• Рафти таҳшиншавии обанбор ва пуршавии барғотҳои танбавӣ; |
| 41 | Суръатҳои пуршавӣ ва холишавии обанбор аз рӯи дастурамал оиди истифодабарӣ муайян шуда, набояд ба каҷшавии танаи сарбанд ва иншоотҳо, вайроншавии соҳилҳо ва дигар иншоотҳои муҳофизатӣ оварда расонад. |
| **Истифодабарии таҷҳизотҳои гидромеханикӣ** | |
| 42 | Дарвозаоббандҳо панҷараҳои хасухошокҷамъкун ва дигар қисмҳо бояд мунтазам тафтиш гардида, ҳамзамон мавҷудияти каҷшави ва нуқсонҳои зангзании оҳанбаст ва рӯйпӯш, ҳолати дарзҳои кафшерӣ, ҷафскунандаҳои резинӣ ва махкамшавии он, гардиши чарххо, ҳолати шарнирҳои борбардор, занҷирҳо, бандҳои пулодӣ (тросс), мурватҳои бардоранда, қисматҳо ва пайвастагиҳо бо дарвозаоббанд ва дигар ҷузъои иншоот назорат карда мешавад.Рӯйпушҳои металлӣ бояд бо маводҳои зидизангзанӣ пӯшида шуда, дар қисмҳои соишхуранда аз равғанҳои молиданӣ истифода бурда шавад. |
| 43 | Шандорҳои пешиобгиранда бояд маркировка шуда, дар захирагоҳҳои махсус |

| | |
|---|---|
| | ба тартибе ҷойгир шаванд, ки ҷойгиркунонии ботартиби онҳо дар иншоот таъмин бошад. Шандорҳо бояд аз нурҳои офтобӣ ва боришот ҳимоя гашта, рангубор карда шаванд. |

**Номгӯи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ, ки барои истифодабари ҳангоми гузаронидани санҷиши иншоотҳои гидротехникӣ дар рафти истифодабарии онҳо тавсия дода мешавад.**

1. Қонуни Ҷумҳӯрии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии иншоотҳо гидротехникӣ» аз 29 декабри 2010с. №666.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷишӣ фаъолияти субъектхои хоҷагидор» аз 28 июли 2006с. №194.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» аз 29.ноябри 2000с. №33
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатари аз сухтор» аз 20 марти 2008с. №363.
5. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри 2000с. №34.
6. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри 1996с. №326.
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи масъалаҳои бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ».
8. Қоидаҳои маҳфуз доштан ва барҳам додани иншооти гидротехникӣ.
9. МҚШ ҶТ 32-05-2015 «Нақбҳои роҳҳои оҳан, роҳҳои автомобилгард ва гидротехникӣ».
10. МҚШ ҶТ 33-01-2012 «Сарбандҳои бетонӣ ва оҳану бетонӣ»
11. МҚШ ҶТ 33-02-2012 «Иншооти гидротехникӣ. Муқарароти асосии лоиҳакаши».
12. МҚС ҶТ 21-01-2007 «Бехатарии биноҳо ва иншоотҳо аз сухтор»
13. МҚС ҶТ 2.06.08-87 «Конструкцияҳои бетони ва оҳану бетонии иншоотҳои гидротехникӣ».

14. Тартиби ташкил ва танзими кори комиссияи коршиносон оиди гузаронидани ташхиси давлатии эъломияи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ.
15. Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми истифодабарии хоҷагиҳои партовгоҳҳои дажғол.